## Тақризи

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Ҳисайнов Далер Эмомович дар мавзуи “Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 -Ботаника пешниҳод шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Растаниҳои лӯбиёгиҳо яке аз манбаҳои пурарзиш барои соҳаҳои гуногун алал хусус чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Тараққӣ ёфтани сатҳи илмӣ-техникӣ ҳолати чорводориро муайян намуда, барои баланд бардоштани самаранокии растанипарварӣ ва кишоварзӣ таъсири худро мерасонад. Дар робита ба ин, самти тартиб додани чорабиниҳо барои ташкил намудани манбаи мустаҳками хӯроки чорво, ин таъсис додани агросенозҳои сермаҳсул мебошад. Ҳамзамон, кишт кардани лӯбиёгиҳои яксолаи хӯроки чорво барои беҳтар намудани маҳсулнокӣ мусоидат карда метавонад, чунки ин растаниҳо аз сафеда бой мебошанд. Намуди сафедаи дар таркиби растаниҳо мавҷуд буда, яке аз арзонтарин ва осонтарин ҳазмкунанда мебошад ва миқдори зиёди он дар сабзавот алаф ва тухмии лӯбиёгиҳо мавҷуд мебошад.

Дар солҳои охир, аз таъсири омилҳои гуногун минтақаҳои табиии лӯбиёгиҳои худрӯйи дар қаламрави Ҷумҳурӣ якчанд маротиба коҳиш ёфтанд. Дар робита ба ин, зарурати таҳлили пурраи минтақаҳои табиии лӯбиёгиҳои худрӯй бо назардошти ҳалли мушкилоти дар боло зикршуда вуҷуд дорад.

Зиёд намудани маҳсулнокии табиии намудҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи маҳаллӣ дар ҳавзаи дарёи Яхоб имкон медиҳад, ки дараҷаи хӯроки чорворо дар пойгоҳ барои чорвопарварӣ беҳтар намояд, зеро намояндагони оилаи лӯбиёгиҳо манбаи арзишноки растаниҳои дар таркибашон сафеда ва аминокислотаҳои муҳимдошта ба ҳисоб мераванд. Дар ин бора, ҷиҳати илмӣ - амалӣ, инчунин, арзиши ҳифзи табиат барои маълумоти пурратар оид ба хусусиятҳои биологию экологӣ ва захираҳои биологии ин намуди растаниҳо дар шароити табиии макони онҳо имконияти парвариш кардани онҳоро медиҳад.

Ҳалли ин масъалаҳо омӯзиши асосии кори диссертатсионии унвонҷӯ ба ҳисоб рафта барои зиёдкунии ареали лубӯёгиҳои яксолаи худрӯйи минтақа, такмил додани технологияҳои минтақавӣ тавассути

пурзӯр кардани омилҳои биологӣ, хосияти мутобикшавии ин растаниҳо ва баланд бардоштани арзиши биологии фитосенозҳо лозим меояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Бори аввал дар минтақаи Кӯлоб бо назардошти баҳодиҳӣ аз ҷиҳати экологӣ, хусусияти биологӣ, сифати хӯроки чорво, аз ҷиҳати хоҷагидорӣ аломатҳои пурарзиши растаниҳо, талаботи бештар ба шароити нашъунамо, ба омилҳои номусоид тобовар, инчунин, дар сурати тағйирёбии иқлим, баҳогузории ҳосилнокӣ ва сифати ҳосил дода шудааст.

Инчунин, унвонҷӯ дар ҳавзаи дарёи Яхоб омӯзиши ҳаматарафаи растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи яксолаи хӯроки чорво гузаронида шуда, хусусиятҳои нашъунамо ва инкишоф, ҳосилнокии биологӣ, паҳншавии растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи яксолаи хӯроки чорво дар шароити табиӣ ва шароити парвариш, диапазони экологӣ ва оптимуми нашъунамои онҳо дар табиат муайян карда шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда бо ҳаҷми зиёди маълумоти коркардашуда бо истифода аз дастурамалҳои методӣ-илмии эътирофшуда ба даст оварда шудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти илмӣ- амалии кори диссератасия дар он аст, ки дар натиҷаи таҳқиқот, асосҳои илмӣ - методии ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи яксолаи хӯроки чорво дар сохтори ҷамоаи растаниҳои табиии заминҳои ҳавзаи дарёи Яхоб кор карда баромада шудааст, ки истифодаи он самаранокии истифодабарии неруи иқлимию хокии минтақаро баланд бардошта, норасоии мавҷудаи сафедаро дар соҳаи чорводории минтақа ҳаллу фасл менамояд. Маводҳои ба дастовардашуда, ҳамчун стратегияи илмӣ барои ҳифз ва оқилона истифодабарии захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгиҳои яксолаи худрӯйи хӯроки чорвои ҳавзаи дарёи Яхоб маҳсуб меёбанд.

Маводҳои таҳқиқот дар раванди таълим ва барои ҳавасманд намудани агрономҳо, агроэкологҳо, агроботаникҳо, инчунин, барои гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ аз фанҳои «Биоэкология», «Истеҳсоли хӯроки чорво», «Агрофитосенология» тавсия карда мешаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Ҳисайнов

Далер Эмомович дар мавзуи «Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)» дар заминаи шиносномаи ихтисоси соҳаи илми биологӣ ба шумор рафта, мавзуи он ба шиносномаи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника мутобиқат менамояд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, тавсия барои истеҳсолот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Рисолаи мазкур дар ҳаҷми 140 саҳифа пешниҳод шудааст, он аз 59 ҷадвал, 11 - расм, 1 - диаграмма иборат мебошад. Дар кори дисертатсионӣ 166 адабиёт истифода шудааст, ки 20 - адади онҳо ба забони хориҷӣ мебошанд.

**Мақсади таҳқиқоти** мазкур асоснок намудан ва имконияти баланд бардоштани ҳосилнокии алафзорҳои табиии ҳавзаи дарёи Яхоб ба сифати растаниҳои афзалиятноки хӯроки чорво мебошад. Барои гирифтани ҳосили баланди хӯроки чорвои босифат бо камтарин хароҷот ва воситаҳои меҳнат, хусусиятҳои биологию экологӣ ва захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯй омӯхта мешаванд.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- Омӯхтани хусусиятҳои муҳимтарини биологию экологии растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи яксолаи хӯроки чорво.
- Омӯхтани хусусиятҳои нашъунамо ва инкишофи баъзе растаниҳои лӯбиёгиҳои яксолаи худрӯйи хӯроки чорво дар шароити парвариш;
- Гузаронидани таҳқиқот барои қобилияти интродуксионӣ дар шароити кишт ва парвариш намудан;
- Муайян намудани нашъунамои тухмиҳо, хусусиятҳои афзоиш ва инкишоф дар шароити парвариш кардан;
- Тавсияҳо оид ба ҳифз ва оқилона истифодабарии захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи яксолаи хӯроки чорво дар ҳавзаи дарёи Яхоб

**Объекти таҳқиқот** аз 8 намуди растаниҳои яксолаи лӯбиёгӣ дар мавзеъҳои табиии Тоҷикистони ҷанубӣ, баҳодиҳӣ, таркиб, ҳосилнокӣ ва ҳолати гуногуни биологӣ ва таснифи онҳо иборат буд.

Дар **боби якуми диссертатсия**-таърихи пайдоиш, паҳншавӣ, омӯзиш ва таҳқиқи таксономияи намудҳои растаниҳои лӯбиёгиҳо, таснифи ботаникӣ, хусусиятҳои биологӣ ва морфологии лӯбиёгиҳо, муқовимати онҳо ба омилҳои биотикӣ, таркиби химиявӣ ва мавқеи он дар ғизои ҳайвонот, ҳолати имрӯза ваояндаи соҳаи ратнипарварӣ дар Тоҷикистон мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ин боб унвонҷӯ

адабиётҳои олимони кишварҳои гуногуни оламро гирд оварда, аз натиҷаҳои онҳо хулосаҳои хешро баён намудааст.

Унвонҷӯ аз таҳлилу маълумотҳои овардашуда маълум кардааст, ки парвариш намудани растаниҳои яксолаи лӯбиёгиҳо дар шароити ҳавзаи дарёи Яхоб, барои аксарияти заминҳои таназзулёфта аҳамияти хуби ҳосилхезиро доро мебошанд, чун ки дар таркиби решаи лӯбиёгиҳо микдори зиёди нитроген захира гардида таркити заминро бой мегардонад.

Дар **боби дуюми диссертатсия-** Шароити хоку иқлим, объект, усулҳои таҳқиқотӣ минтақаи ҳавзаи дарёи Яхоб мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён менамояд, ки хусусиятҳои табиию иқлимии минтақаи таҳқиқшаванда шароити ташаккули маҳсулнокии намудҳои растаниҳои таҳқиқшаванда, ҳосилнокӣ, сифати маҳсулот ва дигар хусусиятҳои муҳими биологиро бо мутобиқшавии растаниҳои лӯбиёгие, ки дар он ҷо мерӯянд, муайян мекунанд.

Дар ин боб муаллиф қайд менамояд, ки ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу) дар самти Ҷанубу Ғарб дар ҳудуди ноҳияҳои маъмурии Ховалинг, Муъминобод, Кӯлоб ва Восеъ ҷойгир буда дарёи Сурхоб аз мавзеъҳои фавқ ҷорӣ мегардад. Масоҳати он 2710 км$^2$ ва дарозии ҳавза 160 км$^2$ - ро ташкил медиҳад.

Дар **боби сеюми диссертатсия**-натиҷаҳои таҳқиқот оид ба хусусиятҳои экологӣ – фитосенологии баъзе растаниҳои лӯбиёгии худрӯйи яксола дар шароити табиӣ маълумотҳои зиёд ҷамъ овардааст.

Дар натиҷаи корҳои таҳқиқотии муаллиф маълум гардид, ки дар миёни растаниҳои лӯбиёгии яксолаи ёбоии ҳавзаи дарёи Яхоб астрагали очингмева (*Astragalus rutilobus* Bunge, сидирки бебаргча (*Lathyrus aphaca*), Қатраборони зебо (*Onobrychis pylchella*), юнучқаи лундашакл (*Medicago orbicularis*), мунҷи сермӯяк (*Vicia villosa* Roth), мунҷи муқарарӣ (*Vicia sativa* L), себаргаи қаратоғӣ (*Trifolium Karatavicum*) бартарияти бештар доранд. Аз ин лиҳоз, дар кори пешниҳодшуда кӯшиш намудааст ки хусусиятҳои биологии онҳоро дар шароити табиӣ, инчунин, зимни парвариши онҳо дар шароити зироат мутобиқшавии онҳоро дар минтақа мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Дар **боби чоруми диссертатсия** – Аломатҳо, рушд ва ҳосилнокии баъзе растаниҳои яксолаи худрӯи лӯбиёгӣ дар шароити маданӣ, таъсири омилҳои экологӣ ба сабзиши тухм, рушд ва афзоиши растаниҳои худрӯи лӯбиёгӣ дар заминҳои лалмӣ ва обӣ, ҳосилнокии (хӯрокӣ ва тухмӣ)

растаниҳои яксолаи худрӯи лӯбиёгӣ дар заминҳои лалмӣ ва обӣ, масъалаи ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгии яксолаи хӯроки чорво дар ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу) мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Унвонҷӯй қайд менамояд, ки мушкилоти ҳифзи захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгии яксолаи хӯроки чорво дар ҳавзаи дарёи Яхоб аҳамияти муҳим дорад. Пеш аз ҳама, ин ба хосияти баланди фоиданоки ин гурӯҳи растаниҳои лӯбиёгӣ, ба омӯзиши нокифояи онҳо вобаста аст. Гап сари он аст, ки арзиши истеъмолии маҳсулоти зироатӣ, асосан, аз ҷиҳати озуқаворӣ, хӯроки чорво ва бартариҳои технологии ашёи хоми растанӣ инкишоф меёбад. Дар баробари ин, дар солҳои охир дар минтақаи ҳавзаи дарёи Яхоб вобаста ба афзоиши шумораи аҳолӣ, ба истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ҷалб намудани заминҳои нав, афзоиши босуръати истеҳсолоти саноатӣ ва маҳсулоти озуқаворӣ ва ғайра боиси тағйироти гуногун гардидаанд.

Дар **боби панҷуми диссертатсия** –унвонҷӯ натиҷаҳои таҳқиқорро ҷамъаст намуда, шарҳ медиҳад, ки баҳодиҳии захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгии яксолаи худрӯйи хӯроки чорвои ҳавзаи дарёи Яхоб, таъсири манфии омилҳоро бояд ба назар гирифт, ки он на танҳо ба миқдори захиравӣ, балки ба сифати ашёи хоми ин гурӯҳи растаниҳо таъсири худро мерасонад. Инчунин, барои ҳар як намуди растаниҳои таҳқиқшуда дар маҳалли зисти муайян оптимуми экологӣ, яъне шароите мавҷуд аст, ки дар он вай ба ҳосилнокии максималӣ мерасад. Дар робита ба ин, ҳангоми таҳияи чорабиниҳо диққати асосӣ ба қонуниятҳои намудҳои алоҳидаи фазоӣ ва муваққатии растаниҳои дар он ҷо парваришшаванда, хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии онҳо, хусусиятҳои меъёрии онҳо, ҳаҷми пурраи табиии захираҳо барои дарки пурраи илмии тамоми маҷмуи равандҳои табиӣ, ки дар ташкил ва ҷамъоварии захираҳои табиии ин растанӣ иштирок мекунанд.

**Дар хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии диссертант ҷамъбаст карда шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Дар асоси маводи диссертатсионӣ 10-мақолаи илмӣ, аз ҷумла 2 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, ки мазмуну мундариҷаи асосии таҳқиқот ва таҳлилҳои гузаронидашударо дарҷ намудаанд.

**Мутобиқати ба расмият дарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҳисайнов Далер Эмомович ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (минбаъд Тартиб) ҷавобгӯй мебошад. Мукаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқотии мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиаҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31марти соли 2022, №3) таҳия гардида, моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

**Эродҳо ва пешниҳодҳо.** Дар диссертатсия ва автореферати Ҳисайнов Далер Эмомович баъзе норасогиҳо низ дида мешаванд, аз ҷумла:

1. Таҳқиқот дар чарогоҳҳои табиӣ, заминҳои лалмӣ ва обии минтақаҳои Муъминобод, Ховалинг, Кӯлоб ва Восеъ гузаронида шудааст. Ба ақидаи мо агар дар минтақаҳои дигар таҳқиқотҳо гузаронида мешуд ба манфиати кор мебуд.
2. Дар ҷадвали 3.1.2. – Афзоиши астрагали оҷингмева дар шароитҳои табиӣ фаровонии растанӣ нишон дода шудааст, лекин дар идомаи ҷадвали 3.1.2. фаровонии растанӣ нишон дода нашудааст.
3. Дар саҳифаи 91 оварда шудааст, "мушоҳидаҳо нишон доданд, ташаккули поя дар мунҷи муқаррарӣ пас аз пайдо шудани реша оғоз меёбад" ки ин ҷумла нофаҳмо мебошад.
4. Дар диссертатсия баъзе аз хатогиҳои имлоӣ ва чопӣ ба назар мерасанд.

Лекин камбудиҳои пешниҳодгардида хусусиятҳои ҷузъи дошта, арзиши рисоларо паст намекунанд.

## ХУЛОСА

Ҳамин тавр кори диссертатсионии Ҳисайнов Далер Эмомович дар мавзуи "Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)", таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267) ҷавобгӯй мебошад. Муаллифи диссертатсия сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01- Ботаника мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
мудири кафедраи физиологияи растаниҳои факултети биологияи Донишгоҳи милии Тоҷикистон, номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01- Ботаника Холова Шарифамо Сайдаҳтамовна

**Суроға:** 734025, ш. Душанбе, кучаи Буни-Ҳисорак, бинои 16.
Тел: (+992) 550-055-488, E-mail: xolova-1978@mail.ru

Имзои Холова Ш.С тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

14.05.2024 с